# Рӯйдоди бузург дар таърихи тоҷикон

Имрӯзҳо дар сар то сари Ҷумҳурии азизамон ҷашни 29-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил гардида истодааст. Бо ҳидоятҳои неки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки саршор аз садоқату муҳаббат ба Ватан аст. Тоҷикистони азиз дар ҳама соҳаҳо ба фатҳу нусрат соҳиб мегардад. Мардуми шарифи кишвар имрӯз дар партави ин сиёсати хирадмандона бо руҳбаландию ифтихори зиёд ва бо як ҷаҳон орзуҳои нек ҷашни Истиқлолиятро истиқбол мегиранд. Бо ин муносибат санаи 8-уми сентябри соли 2020 дар толори маҷлисгоҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷаббор Расулов маҷлиси тантанавӣ баргузор гардид. Дар маҷлиси тантанавӣ раиси ноҳия муҳтарам Қудратзода Тоҳир Толибӣ, намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Ҳасанзода Гулнора Кенҷа, намоянда аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, сардори Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят муҳтарам Накқатзода Ҳокимбек Киромиддин иштирок доштанд ва ҳозиринро бо муносибати ҷашни 29-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуданд.Баъд аз суханҳои табрикотӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷаббор Расулов ба як қатор фаъолони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мукофотҳои давлатӣ ва ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.



